*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ*
*Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Исҳоқӣ Дилшод Илҳом ба диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар асоси баррасӣ, таҳлил ва баҳодиҳии муҳтавою мукаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» метавон чунини хулосабарорӣ намуд, ки ихтисоси диссертатсия ба бандҳои 10.1; 10.5; 10.6; 10.14; 10.18 ва 10.21-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда таҳти унвони «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 (Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода шудааст, аз лиҳози илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад. Муаллиф дар кори худ ҷанбаҳои гуногуни рушди ташкилотҳои қарзиро дар заминаи таҳаввулоти рақамӣ ҳамаҷониба инъикос намудааст. Таҳқиқот ба нуктаҳои калидии ташаккули хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷумҳурӣ нигаронида шуда, нақши бонкҳоро на танҳо ҳамчун ниҳодҳои молиявӣ, балки ҳамчун

маблағгузорони калидии иқтисоди миллӣ ва омили суботи стратегии давлат таъкид месозад.

Дар марҳилаи муосир, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ба унсури марказии стратегияи рушди низоми бонкӣ табдил ёфтааст. Мубрамияти ин масъала аз он бармеояд, ки нуфузи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ моҳияти рақобатро дар бозори молиявӣ ба куллӣ тағйир дод. Имрӯз рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дигар танҳо бо ҳаҷми сармоя ё шумораи филиалҳо муайян намешавад; нишондиҳандаи асосӣ – ин сатҳи ҳамгироии инноватсияҳои рақамӣ ва қобилияти мутобиқшавии фаврии ниҳод ба тағйироти технологӣ мебошад.

Ҷанбаи ташкилии мушкилоти мазкур тақозо менамояд, ки бонкҳои тиҷоратӣ сохторҳои идоракунии худро таҷдид кунанд. Дар шароити рақамикунонӣ, автоматикунонии равандҳои дохилибонкӣ ва ҷорӣ намудани моделҳои чандири идоракунӣ ба амри зарурӣ табдил ёфтааст. Ин тағйирот суръати қабули қарорҳои стратегиро афзуда, барои ворид намудани технологияҳои пешрафта, аз қабили зеҳни сунъӣ ва блокчейн, заминаи мусоид фароҳам меорад. Бе такмили сохтори ташкилӣ, истифодаи самарабахши ин абзорҳои инноватсионӣ ғайриимкон аст.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии молиявии ташкилотҳои қарзӣ мубрамияти мавзуъро дучанд месозад. Трансформатсияи рақамӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти амалиётӣ коҳиш ёфта, фоиданокии мизоҷон афзоиш ёбад. Дар шароити рақобати шадид бо ширкатҳои финтех ва операторони мобилӣ, бонкҳо маҷбуранд моделҳои нави тиҷорат, аз ҷумла экосистемаҳои рақамӣ ва маркетплейсҳоро таҳия кунанд, то мавқеи пешсафии худро дар бозор ҳифз намоянд.

Илова бар ин, тағйирёбии куллии рафтори истеъмолкунандагон ва талаботи афзоянда ба хизматрасониҳои фосилавӣ (онлайн-бонкинг) аҳамияти таҳқиқотро бештар мегардонад. Мизоҷи муосир ба дастрасии фаврӣ, амният ва роҳати амалиётҳои молиявӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтарини ҷалб ва нигоҳ доштани мизоҷон дар фазои рақамӣ, махсусан барои

низоми бонкии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш, як вазифаи муҳим ва стратегӣ ба шумор меравад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола ба дастомада нуктаи илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дар таҳлил ва баррасии таҳқиқот асосҳои назарияви ва амалии рушди ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ яке аз самтҳои калиди донистан зарур мебошад, ки бонкҳо метавонанд барои фаъолсози иқтисодӣ мамлакат саҳмгузор бошанд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусияти навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо ба ҳисоб меравaнд:

1. Таҳқиқи заминаҳои назариявии иқтисоди рақамӣ ҳамчун омили рушд. Муаллиф асосҳои илмию назариявии мафҳуми «иқтисоди рақамӣ»-ро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, нақши онро ҳамчун омили калидии таъмини рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян намудааст. Дар кор принсипҳо ва усулҳои консептуалии рушди рақамӣ дар асоси синтези адабиёти илмӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мушаххас карда шудаанд. Саҳми муаллиф дар исботи таъсири мусбати трансформатсияи рақамӣ ба самаранокии фаъолияти бонкӣ ва дар маҷмуъ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар инъикос ёфтааст.

2. Консептуализатсияи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирӣ. Дар таҳқиқот мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф ин ҷанбаҳоро на танҳо ҳамчун маҷмуи василаҳо, балки ҳамчун унсури фаъоли низоми идоракунии муосир маънидод мекунад. Навгонии муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки рақобатпазирӣ тавассути призмаи омилҳои технологӣ ва инноватсионӣ ҳамчун механизми асосии мутобиқшавии ташкилотҳои қарзӣ ба талаботи бозори рақамӣ шарҳ дода шудааст.

3. Арзёбии ҳолат ва такмили механизмҳои фаъолияти бонкӣ дар Тоҷикистон. Унвонҷӯ ҳолати воқеии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба сифати амалиёти бонкиро ошкор сохтааст. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили механизмҳои ташкилию иқтисодӣ дорои аҳамияти баланди амалӣ буда, роҳҳои мушаххаси истифодаи технологияҳои рақамиро барои устувор гардонидани мавқеи бозоргонии ташкилотҳои қарзии ватанӣ муайян мекунанд.

4. Таҳияи моделҳои инноватсионӣ ва тавсияҳои амалӣ. Дар диссертатсия роҳҳои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди рушди хизматрасониҳои бонкӣ таҳия ва пешниҳод ғардидаанд. Муаллиф зарурати мукаммал намудани нақши инноватсияҳоро дар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун воситаи стратегӣ барои гузариш ба иқтисоди рақамӣ асоснок намудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар кор овардашуда барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосир заминаи боэътимоди илмӣ мегузоранд.

**4.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмӣ назариявии кори диссертатсияро ақидаҳои назарияви олимони ватани ва хориҷи ташкил медиҳад ва санадҳои меъёрию ҳуқуқи оид ба низоми бонкӣ ва идоракунии он аз ҷониби бонкӣ миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва амали карда мешавад. Дар ҳолати таҳқиқоти диссертатсия бошад омузиши масъалаҳои назарияви ва амалии барраси шудааст ва ҷанбаҳои гуногуниро дар бар мегирад муаллиф бошад дар ин самт кушишҳои зиёде намудааст, ки барои амалисозии низомҳои бонкӣ аз усулҳои инноватсиони ва мавқеи иқтисодӣ бонкҳои тиҷорати муҳим дониста мешавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда метавонад дар рушди бонкҳои мамлакат саҳми босазое гузоранд.

**5.Аҳамияти амалли кори диссертатсионӣ.** Аҳамияти амалии кори диссертасия дар истифодаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии маълумотҳои омори маълумотҳои бонкӣ амали гардидааст ва тавсияҳои амали барои устувори молияви бонкҳои тиҷорати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат менамояд.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсия дар таҳияи ҳуҷатҳои статегь ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, мавриди истифода қарор дода шавад.

**6.Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Даврахои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзуҳо асосноки ва мубрамияти он мақсади гузошташуда иҷроиши онҳо аз ҷониби диссертант ба анҷом расонида шудааст. Дар раванди таҳқиқот диссертант рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар низоми иқтисодӣ бозори омухта, роҳҳои баланд бардории устувории молиявии бонкҳои тиҷорати ва самаранокии онҳо амали карда мешавад.

**7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшаванда.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақола таҳия шудааст, ки аз онҳо 3 –мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**8.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи Шарипов Некрӯз Гадомадович ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия муомилоти пули ва қарз, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021№267 тасдиқ шудааст ҷавобгуй мебошад.

**9.Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, 18 расм, 22 ҷадвал, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 214 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 178 саҳифа таҳия шудааст.

**Боби якум “Асосҳои назариявӣ ва ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ”** ҷанбаҳои назариявӣ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ, асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти

рақамӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахши шудааст. (с. 15-44)

Дар қисмати назариявии таҳқиқот муаллиф асосҳои пайдоиш ва ташаккули мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ»-ро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, таҳаввулоти онро дар робита бо низоми бонкӣ таҳлил намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки иқтисодиёти рақамӣ танҳо маҷмуи технологияҳо набуда, балки низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар он маълумот ҳамчун захираи асосии истеҳсолӣ баромад мекунад. Дар ин замина, муаллиф нақши иқтисоди рақамиро ҳамчун катализатори рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда, исбот намудааст, ки трансформатсияи рақамӣ боиси тағйири куллии модели амалиётии ташкилотҳои қарзӣ мегардад. (с. 15-22)

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ робитаи зичи байни рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақобатпазирии бонкҳоро ошкор сохтааст. Таъкид мегардад, ки дар шароити муосир нақши иқтисоди рақамӣ дар он зоҳир мешавад, ки бонкҳо аз миёнаравҳои оддии молиявӣ ба платформаҳои технологии молиявӣ табдил меёбанд. Муаллиф консепсияҳои асосии назариявиро, аз қабили «бонкинги бемарз», «интернети ашё» ва «зеҳни сунъӣ»-ро дар фаъолияти бонкӣ омӯхта, таъсири онҳоро ба паст кардани хароҷоти транзаксионӣ ва афзоиши самаранокии сармоя асоснок намудааст. (с. 23-28)

Дар ҷанбаи иқтисодӣ, унвонҷӯ диққати асосиро ба тағирёбии нишондиҳандаҳои самаранокӣ равона кардааст. Қайд карда мешавад, ки дар иқтисодиёти рақамӣ рақобатпазирии иқтисодии бонк на танҳо бо ҳаҷми активҳо, балки бо қобилияти паст кардани арзиши аслии хизматрасониҳо тавассути автоматикунонӣ ва истифодаи низомҳои дурдасти бонкӣ чен карда мешавад. Муаллиф заминаҳои иқтисодии рақобатпазириро дар қобилияти бонк барои эҷоди «арзиши рақамӣ» барои мизоҷон ва истифодаи алгоритмҳои таҳлилии барои пешгӯии талаботи бозор мебинад. (с. 29-34)

Диссертант зимни омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян намудааст, ки баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо дар кишварҳои пешрафта (ба

монанди ИМА, Чин ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо) тавассути гузариш аз модели анъанавии «маҳсулотмеҳвар» ба модели «мизоҷмеҳвари рақамӣ» сурат гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки бонкҳои ҷаҳонӣ, аз қабили *JPMorgan Chase* ва *HSBC*, бо истифода аз технологияҳои абрӣ ва зеҳни сунъӣ на танҳо хароҷоти худро коҳиш доданд, балки экосистемаҳои мукаммалеро эҷод намуданд, ки дар онҳо хизматрасониҳои бонкӣ бо соҳаҳои дигар (савдо, суғурта, логистика) омезиш меёбанд. (с. 43-59)

**Дар боби дуюм «Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ»** - аз ҷониби муаллиф ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, арзёбии ҳолати кунунии ташкилотҳои қарзии хурд ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва омилҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта шудааст.

Диссертант ҳолати муосири низоми бонкии кишварро ҳамчун марҳалаи «трансформатсияи фаъол» арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки дар солҳои охир таҳти таъсири Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», рақамикунонии хизматрасониҳо суръати тоза гирифт. Муаллиф тавассути таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки теъдоди истифодабарангони ҳамёнҳои электронӣ ва бонкинги мобилӣ дар кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфта, ин раванд боиси коҳиши ҳиссаи пули нақд дар муомилот ва шаффофияти амалиётҳои молиявӣ гардидааст. (с. 61-77)

Муаллиф дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки ташкилотҳои қарзии хурд дар низоми молиявии кишвар нақши муҳим дошта, асосан ба бахшҳои осебпазири иқтисодиёт ва соҳибкории хурду миёна хизмат мерасонанд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, муаллиф ҳолати кунунии ин ташкилотҳоро ҳамчун марҳалаи "мутобиқшавии технологӣ" тавсиф мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ТҚХ барои нигоҳ доштани

рақобатпазирии худ ба истифодаи фаъоли замимаҳои мобилӣ ва низомҳои автоматикунонидашудаи бонкӣ гузашта истодаанд, ки ин боиси васеъ шудани доираи фарогирии мизоҷон дар минтақаҳои дурдаст гардидааст. (с. 78-93).

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки дар шароити муосир омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии бонкҳо аз шакли анъанавӣ ба шакли технологӣ-инноватсионӣ табдил ёфтаанд. Муаллиф ин омилҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ: берунӣ (макроиқтисодӣ ва танзимкунанда) ва дохилӣ (технологӣ, ташкилӣ ва кадрӣ) тақсим намудааст. Таъкид мегардад, ки дар иқтисодиёти рақамӣ омили калидии берунӣ — ин сатҳи инфрасохтори·иттилоотии кишвар ва сиёсати Бонки марказӣ дар самти ҳавасмандии инноватсияҳо мебошад, ки муҳити рақобатиро барои ташкилотҳои қарзӣ муайян мекунад. (с. 94-100)

Диққати махсус дар таҳқиқот ба омили амнияти иттилоотӣ ва эътимоднокии рақамӣ равона шудааст. Муаллиф асоснок мекунад, ки дар шароити афзоиши киберҷиноятҳо, сатҳи ҳифзи додаҳои мизоҷон ба як омили муҳими рақобатпазирии ғайринархӣ табдил ёфтааст. Эътимоди мизоҷон ба низомҳои электронии бонк, ба гуфтаи муаллиф, устувории мавқеи бонкро дар бозор нисбат ба пешниҳоди фоизҳои пасттар, бештар таъмин менамояд. (с. 101-109).

**Дар боби сеюм «Такмилдиҳии механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ»** аз ҷониби муаллиф такмили самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ва нақши БМТ дар он, татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити иқтисодиёти рақамӣ усулҳои анъанавии танзими давлатӣ бояд ба модели "танзими чандир" гузаранд. Муаллиф исбот менамояд, ки самти асосии такмили танзими давлатӣ бояд ба эҷоди заминаҳои ҳуқуқӣ барои технологияҳои нав, аз қабили блокчейн, дороиҳои рақамӣ ва биометрия равона карда шавад. Таъкид мегардад, ки

танзими давлатӣ набояд монеаи рушди технологияҳо гардад, балки бояд мувозинати байни инноватсия ва устувории низоми молиявиро таъмин намояд. (с. 109-121)

Дар раванди таҳқиқ, муаллиф диққати махсусро ба такмили назорати бонкӣ тавассути технологияҳои рақамӣ равона кардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки БМТ бояд аз низомҳои автоматикунонидашудаи мониторинг дар реҷаи вақти воқеӣ истифода барад, то хавфҳои низомиро дар марҳилаҳои аввал ошкор намояд. Ин усул имкон медиҳад, ки равандҳои ҳисоботдиҳии бонкҳои тиҷоратӣ сода карда шуда, шаффофияти фаъолияти онҳо дар назди давлат ва ҷомеа таъмин гардад.

Диссертант таъкид менамояд, ки татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дигар на танҳо унсури имиҷӣ, балки заминаи асосии самаранокии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Муаллиф дар диссертатсия раванди ҷорӣ намудани технологияи Зеҳни Сунъӣ ва Омӯзиши Мошинӣ-ро таҳлил карда, исбот менамояд, ки истифодаи онҳо дар низомҳои "Чат-бот" ва мушовирони роботӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти кормандони соҳаи хизматрасонӣ то 40% коҳиш дода шавад. Муаллиф қайд мекунад, ки ин технологияҳо на танҳо суръати хизматрасониро меафзояд, балки сатҳи фардикунонии маҳсулоти бонкиро барои ҳар як мизоҷ баланд мебардорад. (с.122-133)

Муаллиф диққати махсусро ба такмили механизми идоракунии хавфҳои киберӣ ҳамчун таҳдиди асосӣ ба бехатарии иқтисодӣ равона кардааст. Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки низоми бисёрзинагии аутентификатсия ва технологияи блокчейнро барои ҳифзи пойгоҳи додаҳо ва транзаксияҳои мизоҷон татбиқ намоянд. Муаллиф таъкид месозад, ки бехатарии иқтисодӣ мустақиман ба сатҳи эътимоди мизоҷон вобаста аст ва ҳар як рахнаи иттилоотӣ метавонад боиси хисороти бузурги молиявӣ ва аз даст додани рақобатпазирии бонк гардад. (с. 134-149)

**10.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Корри дисертатсионии муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии

диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи мукаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, корҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

**11.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми таҳлили рақобатпазирӣ ба таври муфассалтар ҳисоби иқтисодии хароҷотро барои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар бонкҳои хурд нишон медод.

2. Беҳтар мешуд, агар дар кор модели «гибридӣ»-и хизматрасонӣ (омезиши филиалҳо ва хизматрасонии рақамӣ) барои минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон бештар асоснок карда мешуд.

3. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф ба масъалаи мутобиқати қонунгузории ҷорӣ ба талаботи «Бонкдории кушода» тавсияҳои мушаххаси ҳуқуқӣ илова мекард.

4. Ба манфиати кор мешуд, агар дар бахши бехатарӣ ба масъалаи ҳифзи додаҳои шахсии мизоҷон ҳангоми ҳамкории бонкҳо бо ширкатҳои финтех диққати бештар зоҳир мегардид.

5. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар бахши таҳлилӣ модели математикии арзёбии рақобатпазириро пешниҳод мекард, то имкони чен кардани саҳми технологияҳои рақамӣ дар фоидаи бонк дақиқтар гардад.

6. Хуб мебуд агар дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф SWOT-таҳлилро тартиб медод ин ба фоидаи кор буд.

**12. Хулоса.** Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ азрӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалидошта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267

тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он - Шарипов Некрӯз Гадомадович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ азрӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Аъзои Шурои нозирони
ҶДММ ТАҚХ "Пулсар" Исҳоқӣ Д.И

Имзои Исҳоқӣ Д.И.- ро тасдиқ мекунам.

Директори гениралии
ҶДММ ТАҚХ "Пулсар" Ахроров А.Ҳ.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.и Душанбе, 734000, кӯчаи Бухоро, 32*
*Тел: +(992)877777787, E-mail:* di780-85@mail.ru